# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).– Бохтар, 2025. – 211 с.**

Диссертатсияи **Юсуфиён Манзураи Мансури** ба омӯзиши рушди тиб ва сифати саломатии аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳими давлату ҷомеа мебошад. Таҷрибаи илмӣ нишон медиҳад, ки аксарияти олимони соҳаи таърих дар таҳқиқотҳои илмӣ ба рушди соҳаи сиёсии давлатҳо диққати бештар медиҳанд ва аз ин лиҳоз соҳаҳое, ки ба фикри олимон мавқеи дувумдараҷа доранд, дар канор мемонанд ва яке аз чунин соҳаҳо ин соҳаи тиб мебошад. Барои равшан намудани ин масъала мо таърихи пурраи онро дар гузашта ва дар давраи оғози воқеии ташаккули он бояд донем.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар он таҷассум меёбад, ки гарчанде паҳлуҳои мавзуъ дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, аммо то ҳол таҳқиқоти илмии мустақил ва фарогир оид ба «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» анҷом наёфтааст. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми таърихи ватанӣ бамаврид дониста мешавад.

Маҳз набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи диссертатсионӣ дар ин самт аҳаммияти илмию амалии мавзуъро бештар намуда, зарурияти омӯзиши амиқи ин масъаларо ба миён мегузорад. Диссертант дар асоси таҳлили мукаммал нақши сохтмони муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои (1924-1991) шарҳ додааст.

Мубрамии мавзуи пажуҳишии мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар рисола

1) Тибби давраи асрҳои миёнаи халқи тоҷик бештар инкишоф ёфта, таҷрибаю малакаҳои олимони тибби тоҷик ҷавобгӯӣ сатҳу сифати ҷаҳонӣ гардид, ки ин боиси омӯзишу дастгирист.

2) Дар солҳои аввали барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар баъзе ноҳияҳои минтақа сохтмони биноҳои

беморхонаҳо ва поликлиникаҳо оғоз гардида, ба анҷом расида буданд, ки ин ба пешравии соҳаи тиб мусоидат намуд.

3) Дар солҳои 20-40-уми асри XX кӯшишҳои аз ҳисоби аҳолии бумӣ тайёр намудани кормандони тибби миёна ва тахассуси олӣ оғоз гардид.

4) Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар солҳои 50-60-уми асри XX дар муқоиса бо давраи солҳои 30-40-ум некуаҳволии мардум афзуда, хизматрасонии тиббӣ боз ҳам беҳтар гардид ва маҳз ҳамин чараён яке аз омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи таҳқиқшаванда гардид.

5) Дар рисола сиёсати давлати Шуравӣ дар роҳи таъмини минтақа бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ ва зиёд гардидани табибони минтақаи мазкур аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ таҳлил карда шуд ва муайян карда шуд, ки ин яке аз омилҳои пешравии ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии сокинони вилоят гардид.

6) Дар ин солҳои омӯзиши минтақа тадқиқотҳои илмӣ ва кашфиётҳои олимону духтурони соҳибмаърифати маҳаллӣ дар зинаи болотари илмиву амалии тибби муосир устувор гашт.

7) Гуфтан ба маврид аст, ки бо мурури замон хатмкунандагони донишкадаи тиббии ватанӣ, дар кафедраҳои илмию амалӣ ба тадқиқоту кашфиётҳои илми тиб машғул шуда, ба натиҷаҳои баланди илмӣ сазовор гардиданд.

Вазъи муассисаҳои тиббии минтақаи омӯзиш дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) баррасӣ мегардид; 1) Таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1946-1959 мавзуи омӯзиши илмӣ гардид; 2) Таърихи фаъолияти шабакаҳои тиббӣ дар минтақа дар солҳои 1960-1974 мавриди баррасӣ қарор меёфтанд; 3) Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1975-1991 дарҷ гардидааст.

Пешниҳод гардидани диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба ҳимоя, худ далели равшани таваҷҷуҳи афзояндаи муҳаққиқону донишмандон ба ин мавзуи муҳим мебошад. Маҳз таваҷҷуҳи илман асоснок ба ин мавзуъ, ки дар доираи он паҳлуҳои то ҳол камомӯхташуда таҳлил шудаанд, зарурати омӯзиши амиқи онро дар илми таърихи ватанӣ таъйид менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навоварии асосии ин таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ, масъалаи дар роҳи табобати беморон ба мутахассисони соҳаи тиб зарур аст, ки таҷрибаи бойи тибби анъанавиро дар табобати беморон васеъ истифода баранд, зеро табобат бо истифода аз гиёҳҳои шифобахш имрӯз дар тамоми ҷаҳон дар тиб мавқеи муайянро ишғол мекунад пурра месозад, бо истифода аз доираи васеи

сарчашмаҳои бойгонии муътамад ва адабиёти илмии марбута мавриди таҳқиқи амиқ ва таҳлили ҷиддии таърихӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомада бар пояи ҷанбаҳои зерин таҳлили илмӣ ёфтаанд:

1. Дар рисола бори аввал вазъияти тибби тоинқилобӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар ин давра мавриди таҳлил гузошта мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири ин бемориҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва таъсисёбии системаи тибби замонавӣ нишон дода мешавад.

2. Вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX дар рисола бори аввал қаҳрамонии табибони он давра дар хусуси мубориза бо бемориҳои сироятӣ таҳлил гардида, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

3. Дар баробари ин дар рисола раванди гузариши соҳаи тиб аз давраи аморати Бухоро то ба давраи шуравӣ таҳлил шуда, аҳаммияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода мешавад.

4. Таҳлили рушди соҳаи тиб дар замони шурави нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозиданд ва аз ҳамин лиҳоз дар рисола бори аввал тарзи тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб ва нақши онҳо дар таъсиси соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа муайян карда мешавад;

5. Дар рисола саҳми кормандони тибби дигар халқу миллатҳо низ оварда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт гардиданд. Дар рисола фаъолияти онҳо зина ба зина нишон дода мешавад ва дар баробари ҳамин хизматҳои онҳо барои барпо кардани соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

6. Дар рисолаи мазкур бори нахуст фактҳои муқоисавӣ дар хусуси хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Қӯрғонтеппаи ҶШС Тоҷикистон дар муқоиса бо вилоятҳои ҷумҳурӣ ва инчунин ҶШС Ӯзбекистон оварда шуданд. Чунин таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки сатҳи рушди тиб дар ин ҷумҳуриҳо мавриди муқоиса гузошта шавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** бо истифодаи васеи назарияҳои олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва такя ба манбаъҳои муътамад асоснок мегардад. Дараҷаи баланди эътимоднокӣ аз асоснокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, фарогирии сарчашмаҳои гуногун, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи методҳои муосири таҳқиқотӣ бармеояд. Дар асоси таҳлили дақиқу саҳеҳ ва омӯзишу таҳлили илмии далелнок хулосаҳои мушаххас бароварда, дар бахши тавсияҳо, ки аз 7 банд иборат аст, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда пешниҳод шудаанд.

Унвонҷӯ бо истифода аз методҳои таҳлилӣ ва муқоисавии муосир вазъи умумӣ ва таърихи рушди соҳаи тибро дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа дар давраи солҳои 1924-1991 - ро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онро таҳлил намудааст.

**Аҳаммияти назариявии** таҳқиқоти диссертатсионии Юсуфиён Манзураи Мансури дар таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мавзуи рисола таҷассум меёбад. Арзиши илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он на танҳо холигии илмии мавҷударо пурра менамояд, балки барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти таърихӣ дар илми таърихи ватанӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Коркарди назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили таърихӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки дар доираи объекти таҳқиқот, предмети таҳлили илмиро таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар давраи солҳои 1924-1991 ташкил медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд минбаъд, дар ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, ба амал баровардани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар шароити муосир, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва фаъолияти амалии ниҳодҳои марбута мавриди истифода қарор гиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури аз қисматҳои зерин иборат аст: номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб бо зербобҳои марбут, хулоса, тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт. Ҳаҷми умумии рисола 211 саҳифаи чопшудаи компютерӣ мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, объект ва мақсади таҳқиқ, инчунин вазифаҳои асосии тадқиқот дар якҷоягӣ бо асосҳои методологӣ ва назариявӣ, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб ва сохтори рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Таърихи барқароршавӣ ва рушди муассисахои аввалини тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа»** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми дар бораи тиббӣ қадимаи халқи тоҷик, ки асосгузораш Ар-Розӣ ва ибни Сино мебошанд, зербоби дуюми боби якум дар бораи ташкилёбии аввалин муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи ва пешгирии бемориҳои сирояти аз тарафи мутахассисонӣ рус дарҷ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **Вазъи муассисаҳои тиббии Қӯрғонтеппа дар солҳои пеш аз ҷангӣ ва баъди ҷангӣ (1940-1959)**

Дар ин боб масъалаҳои ташкил намудани мақомотҳои тиббӣ дар минтақаи Қурғонтеппа дар солҳои пеш аз ҷангӣ ва баъди ҷангӣ (1940-1959, таъсиси минбаъдаи муассисаҳои ноҳиявии тиббӣ ва рушди соҳаи тандурустии минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1946-1959 таҳқиқ гардидаанд.

Боби сеюми дисертатсия **“Ташкил намудани мақомотҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 1960-1991”** ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳои таърихи фаъолияти шабакаҳои тиббӣ дар минтақа дар солҳои 1960-1974 рушди соҳаи тандурустии минтақаи

Қӯрғонтеппа дар солҳои 1975-1991 ва дигар муассисаҳои марбута мавриди таҳқиқот қарор грифтааст.

Аз тарафи дигар ҳукумати Тоҷикистон мақсади ба роҳ мондани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тиб, соли 1924 Комиссариати халқӣ оид ба ҳифзи саломатиро таъсис дод. Таъсиси идораи махсуси тиббӣ барои мардуми маҳаллӣ як сохтори нав буд, зеро то ин дам онҳо чунин вазифаро танҳо кори табибони халқи медонистанд, ки дар маҳалҳо мардумро бо ҳар гуна алафу гиёҳҳо табобат мекарданд ва таъсисёбии идораҳои давлатии соҳаи тиб сабаб гардид, ки фаъолияти давлати Шуравӣ дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ суръати тоза гирад.

Дар диссертатсионӣ ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи муҳими камомӯхташуда – таърихи барқароршавӣ ва рушди муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ бахшида шудааст. Рушди тиб ва сифати саломатии аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳими давлату ҷомеа мебошад. Бинобар ҳамин сабаб, омӯзиши таҷрибаи зиёд, пайдарпайи дар қабули қарорҳо - ин гарави рушди соҳаи тандурустӣ мегардад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ ислоҳотҳои зиёде гузаронида истодааст. Мушкилотҳои пешомада дар вақти гузаронидани ислоҳот ба роҳи дурусти рушди соҳаи тандурустӣ мусоидат мекунад.

Таҷрибаи даврони Шуравӣ нишон дод, ки ҳатто шабакаи муассисаҳои санитарӣ-профилактикӣ: санэпидистгоҳҳо, дезонуқтаҳо ва ғайра ташкил карда шуд, инчунин бемории сил бартараф карда шуд. Дар ҷумҳурӣ 40 истгоҳи тропикӣ ва 19 нуқтаҳои дигар ҷойгир карда шуданд. Дар ҷумҳурӣ манбаъҳои хеле арзишманди табобатӣ (Хоҷа Оби-Гарм), гил (Аксикон) мавҷуданд. Мутаассифона, бояд қайд кард, ки Комиссариати тандурустии халқ ба рушди кори курортӣ ва шифохона диққати кофӣ намедод.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки Таваҷҷуҳи бузурге, ки ҳукумати Шуравӣ ба ҳифзи модар ва ғамхории насли наврас медиҳад, дар ташкили муассисаҳои табобатӣ ва пешгирикунандаи ҳифзи модар ва кӯдак низ инъикос ёфтааст.

Дар як қатор чорабиниҳои гузаронидашуда дар робита ба коҳиши бемориҳои кӯдакон ва фавт бо афзоиши бештари таваллуд муваффақиятҳо ба даст оварда шуданд. Ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот машваратҳои тиббии акушерӣ кушода шудаанд. Оғози кори мунтазам оид ба ҳифзи модар ва кӯдак соли 1928 ҳисобида мешавад, вақте ки бори аввал 4 машварати занона кушода шуд. Дар соли 1929 аллакай 13 машварати занона буд ва минбаъд сол аз сол муассисаҳои нави ҳифзи модар ва кӯдак ташкил карда шуд. То 1 январи соли 1939 51 диспансерҳои занона, кӯдакона ва машваратҳо кушода шуда, ошхонаҳои доимии ширдиҳӣ ташкил карда шуд (то 1 январи соли 1939 12 ошхонаи ширӣ), илова бар ин, дар фасли тобистон ошхонаҳои иловагии ширӣ ва нуқтаҳои обкашӣ ташкил карда шуд. Барои ҷалби васеи занон ба

истеҳсолот дар ҷумҳурӣ шабакаи яслиҳои доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳимми илмӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф оид ба «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» пешниҳод шудаанд. Муаллиф, дар асоси таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва далелҳои оморӣ, якчанд хулосаҳои илмӣ пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, Ҳукумати Тоҷикистони Шурави гурӯҳи олимон ва табибони ботаҷрибаи сироятшиносиро барои омӯхтани ҳолати санитариву эпидемиологии минтақа ва муолиҷаи беморон ба вилояти Қӯрғонтеппа фиристод. Ба тамоми душвориҳо нигоҳ накарда, барои аз Русия ва дигар Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ духтурони зиёде ба вилояти Қӯрғонтеппа омаданд. Сироятшиносон корро аз эмгузаронии мардум шуруъ карданд. Дар мудати як сол зиёда аз ду ҳазор одам бар зидди бемориҳои сироятӣ эм кунонда шуданд. Ин натиҷаҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар самти илми таърихи ватанӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд олимони соҳаи таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ ва мутахассисони соҳаи тиб ҳангоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Маводи таҳқиқии диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани монография ва асарҳои илмӣ оид ба таърихи Ҷалби табибон ба кор дар муассисаҳои тиббӣ дар таърихи Қӯрғонтеппа, инчунин метавон дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ натиҷаҳои муҳим ва мазмуни асосии диссертатсияи худро дар маҷмуъ дар 16 мақолаи илмӣ ба нашр расондааст. Аз шумораи умумӣ, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда паҳлуҳои муҳимми мавзуъро фаро гирифта, саҳми мустақили диссертантро дар таҳқиқоти илмӣ собит месозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз манбаъҳои илмии ҷойдошта ва таҳлилҳои амиқ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои мукаммал ва дақиқ пешниҳод шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, кори диссертатсионии мавриди таҳқиқ аз баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо низ холӣ нест, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи мавзуъ ва амиқтар гардидани таҳқиқот мусоидат намояд:

1. Дар қисмати муқаддима, дар дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ масъалаи амалӣ ва назариявии ҷалби татибон ба кор зикр гардидааст, ки таълифоти эшон ба мавзуи мазкур кам таваҷуҳ намудааст;

2. Боби якуми диссертатсия аз доираи хронологии таҳқиқот берун аст. Зербоби 2-юми боби дуюм диссертатсия ташкил намудани мақомотҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯрғонтеппа дар солҳои пешазҷангӣ ва баъди ҷангӣ (1940-1959)» Аввалин мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ, ки дар ин давра ба соҳаи тиб ба кор омаданд, ба омӯзиши бемориҳои маҳаллӣ диққати бештар доданд ва роҳҳои нави табобати ин бемориҳоро пайдо мекарданд.

3. Хуб мешуд ҷалби табибон дар соҳаи тандурустӣ дар як зербоби алоҳида таҳқиқ мегардид;

4.Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд ва ба мазмуну мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Тавре ки қайд гардид, камбудиҳои мавҷуда метавонанд бо ворид намудани якчанд ислоҳоти хурд дар таҳлили баъзе мавзуъҳо ё афзоиши гуногунрангии манбаъҳо ислоҳ шаванд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба нашр расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, самтҳои муҳими таҳқиқро ба таври дақиқ ва фаҳмо дарбар мегиранд. Кори диссертатсионии мазкур аз лиҳози муҳтаво, методология ва доираи масъалагузорӣ комилан ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат дошта, ҷавобгӯӣ талаботи мавҷуда мебошад. Коркарди амалии натиҷаҳо ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиноси
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” Абдураҳмонов З. В.

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, к. Сино, 29-32**
**Тел: (+992) 93 598 44 97**
**E-mail zevar-1986@mail.ru**

имзои/подпись Абдураҳмонов З.В.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
“ ” 20 с/г